**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз руи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст** – Диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.03 -Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз руи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки диссертатсияи манзургардида дар доираи мавзӯи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2021–2025 “Нақши ҳуқуқи гражданӣ дар татбиқи ҳадафҳои миллии стратегӣ”, ки масъалаҳои танзими ҳуқуқии суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро низ дар бар мегирад, омода гардидааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** – Соҳаи кишоварзӣ ва истфодаи самараноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ, чун дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар рушди иқтисодиёти миллӣ ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар аҳамияти муҳим дорад. Зеро асоси иқтисодиёти тамоми давлатҳоро маҳз замин ва дигар сарватҳои он ташкил медиҳад.

Мубрам будани масъалаҳои танзими ҳуқуқии замин, инчунин дар он зоҳир мегардад, ки замин на танҳо бойгарии давлат, сарчашмаи ҳаёт, балки бо неъматҳои истеъмолӣ қонеъ гардондани талаботи инсонӣ ҳисоб меёбад. Бинобар ин, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар кишвар ислоҳоти замин гузаронида шуд, ки дар ин замина шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияҳои миллии рушд, консепсияҳои сиёсати аграрӣ, барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ қабул карда шуданд. Ҳадафҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт, пеш аз ҳама истифодаи самараноки замин, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, таъмин ва рушди бозори дохили бо маҳсулоти кишоварзӣ ва содироти он ба кишварҳои хориҷӣ равона шудааст.

Масъалаҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ низ ҷиҳати иҷрои яке аз принсипҳои сиёсати давлатӣ, яъне “принсипи таъмини ҳифз ва истифодаи мақсадноки заминҳои таъиноти кишоварзӣ” омода гардидааст.

Тибқи таҳлилҳо, қисме аз заминҳое, ки қаблан барои кишти зироатҳо истифода мешуданд, ҳоло бинобар сабаби тағирёбии иқлим, сари вақт кишт гардон нашудан, истифодабарии заминҳо бе риояи талаботҳои агротехникӣ ва як қатор омилҳои дигари манфӣ, камҳосил гаштаанд, ки ин ҳолат дар натиҷа ба соҳаи кишоварзӣ ва дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти кишвар таъсири манфии худро расонида истодааст.

Ҳамаи ин омилҳо асос барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои суғуртавиро дар соҳаи кишоварзӣ, ба хусус истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ тақозо карда истодааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои химоя пешниҳод мешаванд** – Навгони хулоса,

пешниҳодҳо, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи талабот ба диссертатсияҳо омода шудааст. Диссертатсияи мазкур аввалин кори мукаммали илмӣ дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шумор рафта, мазмуни ягона ва пайдарҳамии илмиро доро буда, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва натиҷаи он барои рушди илм, қонунгузории маданӣ ва кишоварзӣ дар танзими муносибатҳои суғуртакунии замин, аҳамияти муҳим дошта, заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам меорад. Навгонии диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда, бо пешниҳод гардидани мафҳуми шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, таносуби он нисбат ба шартномаҳои суғуртаи нигаҳдории маҳсулоти кишоварзӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъективии ҷонибҳои шартнома, тартиб ва ҳолатҳои қатъ гардидани муносибатҳои шартномавӣ ва дигар паҳлуҳои масъалаи мазкур зоҳир мегардад.

Таҳлилҳои гузаронидашудаи диссертант, хулосаҳо, пешниҳодҳо ва омӯзиши илмии муаллиф аз мавқеи мустақил ва нуқтаҳои шахсии ӯ дарак медиҳад. Муаллиф дар диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки танзими муносибатҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ айни замон тамоми муносибатҳои дар ин ҷода мавҷуд бударо фаро нагирифтааст. Бинобар ин, зарурияти қабули қонуни махсусро дар танзими муносибатҳои суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ саривақти мешуморад.

Гузашта аз ин ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои соҳавӣ зарур ва саривақтӣ мешуморад.

**Асоснок ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда -** дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот илман асоснок буда онҳо дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишварҳои хориҷӣ, асарҳои илмии олимону муҳақиққони соҳа ва таҷрибаи фаъолияти мақомотҳои ваколатдори давлатӣ таҳия гардидааст.

Хулосаву пешниҳодоти дар рисола таҳиянамудаи муаллиф метавонанд ба рушди қонунгузории замин, истифодаи самараноки он, ҳифз намудани замин аз ҳамагуна ҳолатҳои фавқуллода ва дигар омилҳои манфӣ равона шуда бошад.

Ҳаҷми диссертатсия Фархудинов Ҷ.И. ба талабот ҷавобгӯ буда таълифот ва маводи нашр намудаи муаллиф ифодакунандаи он аст, ки рисола дар сатҳи баланда илмӣ, касбӣ, мустақилона ва босифат анҷом дода шудааст.

Сохтори рисола вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташудаи илмӣ дуруст ва мушаххас мебошад. Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва тавсия оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф аз руи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Асоснокии пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодашуда, инчунин бо таҳлили эродии сарчашмаҳои истифодашуда оид ба рушди қонунгузории маданӣ тасдиқи худро ёфтааст. Рӯйхати адабиёт аз сарчашмаҳои зиёде иборат мебошанд, ки онҳо барои омузиши муфассали ҳолати кор дар мавзуи таҳқиқшаванда имконият додаанд.

Дар боби аввал масъалаҳои умумии марбут ба “Моҳият ва хусусиятҳои умумии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” баррасӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби якум “Нақши институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисодиёт” таҳлил гардидааст ва дар зербоби дуюми боби якум бошад “Марҳилаҳои инкишофи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур махсус қайд мекунад, ки аҳамияти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисоди миллӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Зеро соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳимми рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ба ҳисоби миёна аз 18 то 23% маҷмуи маҳсулоти дохилии кишварро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин агар яке аз ҳадафҳои шартномаи мазкурро, истифодаи самараноку оқилонаи заминро ташкил диҳад, пас паҳлуи дигари масъаларо ин

иҷрои яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар дар бар мегирад. Муаллиф дар асоси таҷрибаи заминистифодабарандагони хоҷагиҳои кишоварзӣ дуруст қайд менамояд, ки дар баъзан маврид тибқи таҳлилҳои иқтисодӣ қисме аз хоҷагидорон ҳосили дилхоҳе, ки аз қитъаи замин дар назар доранд, гирифта наметавонанд, ки ин ҳолат ҳам ба фаъолияти минбаъдаи хоҷагидорон ва ҳам ба қитъаи замин таъсири манфии худро мерасонад.

Диссертатнт ин ҳолатҳоро ба сабабу омилҳои гуногун рабт дода, онҳоро шартан ба субъективӣ ва объективӣ ҷудо кардааст. Ба омилҳои субъективӣ дохил кардааст: - надоштани таҷрибаи кории кофии истифодабарии замин; - огоҳ набудан аз таркиби хок ва дигар захираҳои генетикии замин; - надонистан ё дуруст ба роҳ намондани усулҳои кишт кардани замин; - огоҳ набудан аз иқлими ҷойгиршавии минтақаи кишт; - надоштани техникаҳои зарурӣ барои кишт кардани зироатҳо ё нисбатан дер истифода бурдани техникаҳои зарурӣ; - истифодаи нодурусти доруҳои минералӣ ва ғайра.

Ба омилҳои объективӣ дохил кардааст: - номусоид омадани боду ҳаво; - шуршавии заминҳо; - хушксоли; - омадани тундбодҳо; - омадани сел; - боридани жола; - сар задани сӯхторҳо; - сар задани касалиҳои сирояти; эпидемияҳо ва дигар ҳодисаҳои табиӣ.

Масъалаи дигаре, ки дар ин зербоб зери таваҷҷуҳи диссертатнт қарор гирифтааст, ин бунёди озомишгоҳҳои мобилии муосир ба шумор меравад, ки ҳадафи ин озмоишгоҳҳо арзёбии ҳолати заминҳо ва дар ин замина гузаронидани рекултиватсияи заминҳо, консерватсия, ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо дар истифодаи заминҳо, барқароркунӣ, ҳифз ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок мебошад. Бунёди ин озмоишгоҳҳои муосир метавонад, бахри пешгирии таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат кунад. (Саҳ - 30)

Муаллиф дар зербоби дуюми боби якум, ки дар он марҳилаҳои инкишофи қонунгузории соҳа мавриди таҳлил қарор гирифтааст, қайд мекунад, ки муносибатҳои суғуртавӣ яке аз қадимтарин муносибатҳои маданиву иқтисодӣ дар таъирихи инсоният ба шумор меравад. Диссертант

қайд менамояд, ки дар асоси далелҳои таърихӣ моҳияти аслии суғурта дар он давра на дар дарёфти даромад ва гирифтани фоида арзёбӣ мегардид, балки моҳияти он, аз расонидани ёрии мутақобилаи байни одамон иборат буд.

Муаллиф ин марҳилаи таърихиро таҳлил намуда дуруст қайд мекунад, ки нишонаҳои асосии суғурта ва пайдошавии муносибатхои ҳуқуқии суғуртавӣ дар он давра, аслан, байни қишрҳои миёнаи аҳолӣ, яъне косибон, тоҷирону бозоргонон ва ҳунармандон пайдо ва рушду инкишоф ёфта буд. Ҳамин тавр марҳила ба марҳила, вобаста ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои суғуртавӣ такмилу равнақ ёфта оҳиста - оҳиста мазмуну моҳияти худро дигар карда, характери иқтисодиро касб кардааст.

Муаллиф марҳилаҳои таърихии муносибатҳо суғуртавиро таҳлил намуда онҳоро шартан аз 3 марҳилаи таърихи иборат шуморидааст, ки хело баҳснок мебошад. (Саҳ – 35). Дар навбати худ ҳар як марҳилаи таърихиро боз ба давраҳои муайян ҷудо ва таҳлил намуда хулосабарорӣ кардааст.

Дар боби дуюми рисола "Тавсифи ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ" ном дошта аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби дуюм "Мафҳум, хусусият ва шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ" мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант дар ин зербоб фикру андешаҳои олимону маҳақиқони дохиливу хориҷиро марбут ба мафҳум ва калимаи суғурта таҳлил намуда дар хусуси иваз кардани калимаи "суғурта" ба калимаи "бима" ҳамфикр аст, вале дуруст қайд мекунад, ки дигар масъалаҳое, ки дар муносибатҳои суғуртавӣ, аллакай, аҳаммияти хосро касб кардаанд, ҳангоми ивазкунии калимаҳои мазкур эҳтимолияти аз лиҳози грамматикӣ, имлоӣ ва дигар қоидаву техникаҳои забони тоҷикӣ мушкилиҳоро эҷод намояд.

Барои мисол калимаҳои: "Фаъолияти суғуртавӣ", "Азнавсуғурташаванда", "Ҷамъияти суғуртаи мутақобила", "Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)", "Ҷуброни суғуртавӣ" ва ғайра чи гуна иваз карда мешавад. Яъне, дар ин ҷо мебояд заҳматҳои олимону муҳаққиқони соҳаҳои иқтисодиву гуманитариро васеъ истифода намуд.

Муаллиф дар идомаи таҳлили масъалаи мазкур қайд мекунад, ки мафҳумҳои “суғурта”, “фаъолияти суғуртавӣ”, “суғуртаи кишоварзӣ”, “суғуртаи замин” ва “суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” бо хусусиятҳои бо худ хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яъне, хусусиятҳои фарққунандаашон на танҳо дар объекти суғурта ифода меёбад, балки дар шартҳои шартнома ва самти фаъолияти ҳар яки онҳо низ аз ҳамдигар тафовут доранд. (Саҳ - 54).

Дар зербоби дуюми боби дуюм, ки масъалаҳои марбут ба “Манфиати молумулкӣ ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ”, ном гирифтааст. Диссертант қайд менамояд, ки оид ба мафҳуми объекти муносибатҳои суғуртавӣ андешаҳо гуногун аст. Гурухи аввали олимон ба сифати объекти шартнома “амвол” ё “манифат”-ро дарк кардаанд, гурухи дуюм бошад, “таваккал - хавф”-ро ҳамчун объект ҳисоб мекунанд, гурухи сеюм бошад ба сифати объекти шартнома “хизматрасониҳо” – ро медонанд.

Дар идомаи таҳлили зербоби мазкур диссертант қайд мекунад, ки таҷрибаи қисми зиёди давлатҳо нишон медиҳад, ки аксарияти соҳибкороне, ки ба фаъолити соҳибкорӣ дар самти хоҷагидорӣ машғул мешаванд, наметавонанд, фаъолияти соҳибкории худро идома диҳанд, то он вақте ки онҳо имконияти ба дӯши ташкилоти суғуртавӣ гузоштани хавфро надошта бошанд. Зеро ягон соҳибкор розӣ намешавад, ки маблағҳои калонро ба лоиҳаҳое, ки ҳоло мукаммал нашудаасту эҳтимолияти ба даст овардани фоидаро зери шубҳа меорад, сармоягузорӣ намояд.

Дар асоси таҳлили ин зербоб муаллиф ба хулоса омада қайд мекунад, ки фаъолияти хочагидорӣ ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб меёбад, ки суғуртакунии ҳатмии он ба мақсад мувофиқ мебошад. Албатта хулосаи мазкур баҳснок буда, таҳлили иловагиро дар ин самт тақозо дорад. (Саҳ – 80)

Дар зербоби сеюми боби дуюми рисола, ки масъалаҳои “Иштирокдорони шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” бахшида шудааст.

Муаллиф дар ин зербоб субъектони муносибатҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳоро онҳоро таҳлил карда қайд мекунад, ки ин муносибатҳо дар доираи танҳо суғуртакунанда ва суғурташаванда маҳдуд намегардад, балки давлат низ ҳамчун субъекти ин муносибатҳо баромад мекунад. Зеро хавф дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар самтҳои хоҷагии халқ зиёд арзёбӣ гардидааст. (Саҳ -90). Дар ин қисмат ба фикри диссертант розӣ шудан, душвор аст. Зеро тибқи қонунгузории амалкунанда хоҷагиҳои кишоварзӣ дар шаклҳои гуногун таъсис дода мешавад, ки ҳангоми суғуртакунии соҳа иштироки давлат ҳамчун субъекти муносибатҳои суғуртавӣ зарур намебошад.

Боби сеюми рисола "Бастан, тағйир додан ва қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ" ном гирифтааст, ки аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби сеюм масъалаҳои "Тартиби бастан, тағйир додан ва қатъ кардани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ" баррасӣ гардидааст. Дар ин зербоб муаллиф марҳилаҳои пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзиро таҳлил карда, қайд мекунад, ки марҳилаҳои тағйирёбии муносибатҳои шартномавӣ гуногун мебошад. Яъне ин гуногуни муносибатҳоро ҳам дар ҳайати субъективии муносибатҳо ва ҳам дар ҳолати тағйирёбии объект маънидод кардааст. Муаллиф яке аз сабабҳои тағйир додани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро дар тағйир ёфтани дараҷанокии хавф мебинад. Яъне ба андешаи ӯ дар вақти бастани шартнома хавфнокии объект баланд арзёбӣ гардида буду дар асл малум гашта бошад, ки чунин баҳогузорӣ бо ҳолати мазкур номутобиқ аст, яке аз ҷонибҳои шартнома ҳуқуқ доранд, ки тағйир додани шартнома ё бекор кардани онро талаб намоянд. (Саҳ -135). Ба андешаи мо дар ин маврид на ҷонибҳои шартнома, балки субъекте, ки ба баҳогузории хавф масъул буд, дар доираи қонунгузорӣ, ба идомаи минбаъдаи шартнома хулосаҳои дақиқи худро манзур намояд.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия масъалаҳои “Қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бинобар вайрон кардани шартҳои он” баррасӣ шудааст. Муаллиф яке аз марҳилаҳои ниҳоии муносибатҳои суғуртавиро, қатъшавии муносибатҳо ҳисоб карда сабаби ба миён омадани ин марҳиларо дар матни рисола гуногун ифода кардааст. Ба андешаи муаллиф субъектоне, ки уҳдадориҳояшонро, мувофиқи шартнома ба зимма гирифтаанду иҷро накардаанд ё номатлуб ба иҷро расондаанд, сабаби қатъ гардидани муносибатҳои шартномавӣ мегардад, аз ҷумла сари вақт пардохт накардани маблағҳои суғуртавӣ, ки боиси гузаштани мухлати пардохт гардидааст, аз ҷониби суғурташаванда огоҳ накардани суғуртакунанда дар хусуси тағйир ёфтани дараҷанокии хавфи суғуртавӣ, пешниҳод накардани малумотҳои дурусту муфассал оид ба объекти суғурта ва ғайра. (Саҳ -162)

Ҳамаи ҳолатҳои зикргардида боис ба он мегардад, ки муносибатҳои суғуртавӣ қатъ карда шавад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии донишҷуйён, ходимони илмӣ, мутахассисони соҳа, субъектони хоҷагидорон ва дигар шахсон аҳамияти баланди назариявӣ дорад.

Муаллиф дар робита ба рисола автореферaтро тибқи талаботи муқаррargардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ -** Таҳқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович дорой аҳаммияти муҳимми назариявию илмӣ ва амалӣ мебошад. Хулосаву пешниходхои илмии муаллифро метавон дар оянда барои таҳқиқ ва пажухиши самтҳои гуногуни хоҷагиҳои кишоварзӣ истифода намуд. Ҳамзамон барои баланд бардоштани маърифатии ҳуқуқии шаҳрвандон, донишҷуён, ходимони илмӣ, шахсони мансабдор, аз ҷумла баҳри такмил ва ташаккули илми ҳуқуқи кишоварзӣ истифода намуд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ -** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия -** Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, диссертатсия дорой баъзе ҳолатҳои баҳснок низ мебошад, аз ҷумла:

1. Муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаи мазкур махсус қайд мекунад, ки шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои хусусияти хос мебошад. Яке аз хусусиятҳояш сеҷониба будани он аст. Тибқи таҳлили диссертант ҷонибҳои шартномаро суғуртакунанда, суғурташаванда ва давлат ташкил медиҳад. Албатта дар муносибатҳои шартномавӣ нақши суғуртакунандаву суғурташаванда маълум аст. Лекин муаллиф нақши давларо дар ин муносибатҳои шартномавӣ пурра ва мукаммал дарҷ накардааст.

2. Ақидаи муаллиф роҷеъ ба нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар хусуси “ба таври ҳатмӣ бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” баҳснок мебошад. Маҷбурсозӣ ба суғуртакунонии ҳатмӣ ба ҳоҷагидорон боз як хароҷоти иловагӣ, сарбории онҳоро зиед менамояд. Бахусус барои хоҷагидорони хурд ва онхое ки фоидаи паст ба даст меоранд. Ҳамзамон суғуртаи ҳатмӣ метавонад боиси афзоиши монеаҳои бюрократӣ ва хароҷоти маъмурии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ гардад, ки бо додани полис, пешниҳоди даъвоҳо барои суғуртавӣ ва ғайра алоқаманданд бошад. Инчунин суғуртаи ҳамтӣ метавонад боиси болоравии нархи маводи ғизоӣ гардида, ки ба истеъмолкунандагон таъсири манфӣ расонад.

3. Диссертант яке аз омилҳои муҳими агротехиникро дар самти хоҷагидорӣ риоя кардани сифат ва муҳлати кишт кардани замин арзёбӣ кардааст. Тазаккур бояд дод, ки банди мазкур характери тавсиявӣ дошта дар

он меъёрҳое, ки хусусиятҳои ҳуқуқиро доро бошад, чандон ба назар намерасад.

Эродҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омузиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуктаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳое, ки дар боло зикр шудаанд, аз лиҳози илмӣ баҳснок мебошанд ва ба мазмуни умумии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** - ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Хулоса дар бораи мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраргарида.** Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорой мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи

ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, хусусан банди 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул шудааст, таҳия ва манзур гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Бобоев Ҷ.Қ.

Имзои "Бобоев Ҷ.Қ"-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Бобоев Ҷамрод Курбонович
Суроға: 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14
Тел: (992) 221-30-75
Email: info@ddmit.tj
11.05.2024